*Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012*
*назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи “Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат) пешкаш карда шудааст.**

Дар замони муосир дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дигаргуниҳои назаррас ба назар мерасанд. Табаддулоти бозорӣ ба дигаргуншавии куллии нақши ҳавасмандгардонӣ ва баланд намудани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ оварда расонид. Дар ин радиф ҳавасмандгардонии моддии кормандон аз нуқтаи назари коргар шарти зарурии такрористеҳсоли қувваҳои истеҳсолкунанда баромад карда, аз нигоҳи корхона (кордиҳанда) ин раванд яке аз омилҳои ташаккулёбии хароҷоти истеҳсолӣ ба ҳисоб рафта, ба натиҷаи фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ таъсири бевосита мерасонад. Мавҷудияти манифатҳои гуногун дар чорчӯбаи ҳавасмандгардонии моддии кормандон, ҷудошавии онро ба ду тарафи мутақобил, яъне омезиши манфиатҳои кордиҳанда ва корманд дар назар дорад. Бинобар ҳамин, барои баланд намудани самаранокии фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ зарурати риоя намудани мутавозии манфиатҳои корманд ва кордиҳанда зарур арзёбӣ карда мешавад, ки танҳо дар ҳолати таъмини низоми оқилонаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнати коргарон таъмин карда мешавад. Дигаргуншавии муносибат нисбат ба мавқеъ ва нақши субъектони хоҷагидорӣ дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ зарурати муайян намудани моҳият ва сохтори ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандонро тақозо менамояд.

Маҳз аз сабаби бисёрҷабҳа, нисбатан кам коркард шудани муносибатҳои методӣ ва зарурати ҳалли масъалаҳои амалии такомули низоми ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон, муҳимият ва саривақтии кори диссертатсионии Мирзозода А.Д. муайян карда мешавад.

Шиносоӣ бо автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар асоси дуруст муқаррар намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст.

Дар асоси омӯзиши корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, муаллиф тавонистааст, низом ва механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар

корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, хулосаи зарурӣ барорад, ки мувофиқи он “ҳавасмандгардониҳои моддӣ дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон водор менамояд, ки дар навбати аввал ниёзи физиологии кормандони онҳо қонеъ гардонида шавад. Баъди қонеъ намудани ниёзи физиологӣ корхонаро зарур аст, ки ба андешидани чораҳо дар самти таъмини бехатарӣ ва қонеъ намудани дигар зинаҳои талабот пардозад” (с.10).

Ҷоиз ба қайд аст, ки унвонҷӯ қонуниятҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро низомбандӣ карда дар шакли схемаи мантиқи пешкаш кардааст (расми 1. с. 11).

Дар асоси истифода аз таҳлили эмпирикӣ муаллиф нишондиҳандаҳои музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи номиналии кормандони корхонаҳо ва такшилотҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон, мавриди таҳқиқ қарор додааст (с. 13). Чунин муносибат ба Мирзозода А.Д. имкон фароҳам овард, ки хулосаи амалии дуруст барорад, ки мувофиқи он “Дар сатҳи лозимӣ рушд накардани корхонаҳои саноатии вилоят, ки ба мушкилоти зиёди соҳа вобаста мебошад, нокифоягии бузургии музди меҳнат низ ҳамчун унсури калидии низоми ҳавасмандгардониҳои моддӣ аз ҷумлаи яке аз ин муаммоҳо маҳсуб меёбад” (с. 14).

Мирзозода А.Д. дуруст қайд менамояд, ки “баробари рушди иқтисодиёт талаботи моддии захираҳои меҳнатӣ низ афзоиш меёбад. Аз ин рӯ, низоми ҳавасмандгардонии моддӣ дар чунин шароит бояд талаботи моддии кормандонро ба пуррагӣ қонеъ гардонида тавонад” (с. 17). Аз ин рӯ унвонҷӯ бо истифода аз таҳқиқоти гузаронидашуда ба таври схемаи мантиқӣ низоми мукаммали ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои санотиро пешкаш кардааст, ки ҳамчун як навгонии илмии диссертатсия ба ҳисоб меравад (расми 2., с. 18). Дар ин росто Мирзозода А.Д. дар расми 3 (с. 19) амсилаи чорсатҳаи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро коркард карда, дар расми 4 (с. 21) механизми мукаммали ҳавасмандгардонии моддиро дар шароити ташаккули шуғли пурсмаҳсул пешкаш намудааст, ки аз риояи давомнокии мантиқии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар автореферати диссертатсия оварда шудаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Новобаста ба дастовардҳои назарраси илмӣ, дар автореферати диссертатсия як қатор норасогиҳо ба назар мерасанд, ба монанди:

1. Хуб мешуд, агар дар автореферати диссертатсия муқоисаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноати вилояти Хатлон бо дигар соҳаҳо муқоиса карда мешуданд.

2. Сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф музди меҳнати номиналӣ ва аслӣ дар соҳаҳои саноат дар доираи вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор дода мешуд.

Эродҳои зикршуда ба мазмун ва паҳлӯи мусбии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонад. Ҳамаи эродҳо хислати тавсиявӣ доранд. Аз рӯи мутолиаи автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи "Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)", қайд намудан мумкин аст, ки он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) рӯи ихтисоси рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Наврӯзов Э.М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru